Наздиктарин вақте ки Парвардигор ба банда наздик аст, дар охири шаб аст

Аз Абуумома ривоят аст, ки гуфт: Амр ибни Абса (разияллоҳу анҳу) бароям ривоят кард, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мегуфт: "Наздиктарин вақте ки Парвардигор ба банда наздик аст, дар охири шаб аст. Агар тавонисти дар он вақти шаб аз он касоне бошӣ, ки Худовандро зикр мекунанд, чунон бош."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والترمذي والنسائي]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки Парвардигор дар сеяки охири шаб нисбат ба дигар вақтҳо ба бандааш наздиктар аст; агар - эй муъмин - тавонӣ, ки дар он вақт аз он нафарони ибодаткунанда, намозгузор, зикркунанда ва тавбакунанда бошӣ, ин фурсате аст, ки бояд ғанимат шумурд ва дар он талош намуд.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3236